*«Маориф ва маданият»*, No 71 (4401),
*19 июни* 1970, *с.* 3.

**Тӯҳфаи олими ҷавон**

Олими ҷавон Р. Мусулмонқулов тадқиқоти муфассали худро роҷеъ ба саҷъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик анҷом дод, ки онро нашриёти «Ирфон» интишор додааст.

Китоб се боб дорад ва ҳар боб боз ба қисматҳо ҷудо мешавад.

Муаллиф дар боби аввал, ки «Саҷъ ва пайдоиши он» ном дорад, нахуст андешаҳои адабиётшиносонро оварда, ниҳоят таърифи комили саҷъро медиҳад. Дар хусуси навъҳои саҷъ, ки низ адабиётшиносон ақидаи гуногун доранд, айнан чунин усул риоя мешавад. Муаллиф ба муқобили ақидаи баъзе адабиётшиносони форсу тоҷик, ки «Мусаҷҷаъ дар адабиёти форсӣ дар натиҷаи таъсири адабиёти араб пайдо шудааст» мегӯянд, далелу мисолҳо оварда исбот мекунад, ки саҷъ заминаи миллӣ дорад.

Масъалаи саҷъ дар наср (аз асри X то XIX), дараҷаи истифодаи он, шакл ва сохти саҷъ дар ҳамаи давраҳои инкишофи наср ба чӣ тағйироте дучор шуд, дар боби дувуми рисола таҳқиқ ва таҳлил шудааст.

Ин ҷо асарҳои насрии ҳар як аср ба ҷудоӣ таҳлил мешавад. Зеро дар ҳамаи давраҳои таърихи инкишофи насрамон, ба навъе ки муҳаққиқ ишора мекунад, мақоми саҷъ як ранг набудааст.

Боби сеюм «Саҷъ дар насри советии тоҷик» ном дорад. Дар ин ҷо бештар насри устод Айнӣ таҳлил шудааст. Муаллиф истифодаи саҷъро дар асарҳои устод бо далелҳо таҳлил карда, бо ҳамин як хусусияти асосии услуби нигорандагии нависандаро таъкид мекунад.

Дар боби мазкур истифода ва эътибори саҷъ дар насри муосири тоҷик ва матбуоти давра таҳлил шудааст ва ҳусни бадеии

насри баъзе аз нависандагон, масалан, Ҷ. Икромӣ ва Ф. Муҳаммадиев ошкор гардидааст.

Аз тадқиқоти Раҳим Мусулмонқулов бармеояд, ки саҷъ имрӯз низ барои адои маъниҳои баланд ва шакли зебо воситаи хубест.

**Ш. ҶУМЪАЕВ.**